آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

26 апрели соли 2025
Шанбе
№ 34
(15149)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУБОРИЗА АЛАЙҲИ КОРРУПСИЯ БА МАРҲИЛАИ НАВ ВОРИД МЕШАВАД

***Сарвари давлат Фармонро «Дар бораи тадбирҳои ташкили самараноки иҷрои вазифаҳои афзалиятноке, ки барои такмили минбаъдаи низоми муқовимат бо коррупсия муайян шудаанд» қабул намуд.***

Директори Агентии муқовимат бо коррупсия Акмал Бурҳонов дар бораи паҳлуҳои муҳими ин санад чунин гуфт:

– Бо Фармони Президент Рӯйхати санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки бояд таҳия шаванд ва Барномаи чорабиниҳои амалӣ барои таъмини иҷрои супоришҳое, ки дар ҷамъомади васеи Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия аз 5 марти соли 2025 муайян шудаанд, тасдиқ карда шуд.

Ба роҳбарони вазорат ва идораҳо барои иҷрои босифат, саривақтӣ ва бечунучарои вазифаҳои муайяншуда масъулияти шахсӣ вогузор шудааст.

Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия бояд ҳамасола «харитаи роҳ»-ро дар қисмати вилоятҳо доир ба масъалаҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия, аз ҷумла решакан кардани коррупсияи маишӣ ва ташаккули фазои муносибати оштинопазир бо ин падида тасдиқ намояд. Ҳамзамон, Шӯро назорати татбиқи «харитаи роҳ»-ро таъмин хоҳад кард.

Палатаҳои Олий Маҷлис ҳамасола омилҳои коррупсиониро дар се вазорату идорае, ки ҳаҷми бузурги маблағҳои буҷетиро дарёфт мекунанд, муайян намуда, барои рафъи онҳо таклифҳо пешниҳод хоҳанд кард.

Тартиби ҳимояи нақшаи мушаххаси муқовимат бо коррупсия аз ҷониби номзадҳо ба мансаби вазир ва ҳоким ҳангоми баррасии номзадии онҳо дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Шӯроҳои намояндагони халқ ҷорӣ карда мешавад.

Дар доираи «Ҳафтаи мубориза бо ҷинояткорӣ», дар санаҳои 1-5-уми ҳар моҳ бо тартиби нақшавӣ сафари гурӯҳҳо ба маҳаллаҳои дорои категорияи «сурх» бо мақсади таҳлили амиқи сабабҳои содиршавии ҷиноятҳо дар он маҳаллаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти прокурор ва роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо мақсади роҳандозии фаъолияти секторҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаҷонибаи минтақаҳо бо риояи тартиби нав, прокурор, роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ ва андоз аз иҷрои вазифаҳое, ки вобаста ба фаъолияти бахшҳо ба зиммаи онҳо гузошта шудаанд, озод карда мешаванд. Масъулияти кори секторҳоро муовинони Сарвазир, Иттиҳодияи маҳаллаҳо ва шӯъбаҳои минтақавии он бар дӯш доранд.

Шахсони мансабдор, ки харидҳоро бо вайрон кардани фарқияти ҳадди аксари иҷозатдодашуда байни нархи мол ва хизматрасонии дар хариди давлатӣ гирифташуда ва нархи миёнаи бозорӣ анҷом медиҳанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Тартиби таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати на камтар аз 2 маротиба кам кардани шумораи намудҳои мол (кор, хизматрасонӣ)-е, ки тавассути шартномаҳои мустақим харидорӣ мешаванд, муқаррар шудааст.

Аз 1 июли соли равон дар лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ ҷорӣ гардида, тартиби гузаронидани экспертизаи рақобатпазирии шартҳои музоядаҳои калон ба роҳ монда мешавад.

То охири сол чораҳо оид ба ҷалб кардани субпудратчиён ба иншооти тендерҳои байналмилалӣ тавассути системаи «Сохтмони шаффоф», гузаронидани тендерҳои маҳаллӣ бо арзиши то 2 миллион доллар, ки аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар доираи ҳамин система, инчунин муқаррар намудани тартибе, ки тибқи он ташкилотҳои пудратии хориҷӣ бояд на камтар аз 60 фоизи арзиши шартномаро бо қувваи худ иҷро кунанд, амалӣ мегарданд.

То 1 январи соли 2026 системаи баҳогузорӣ аз ҷониби аҳолӣ ба тамоми хидматрасониҳои давлатӣ, ки аз тарафи вазорат ва идораҳо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ пешниҳод мешаванд, дар сатҳи ноҳияҳо (шаҳрҳо) татбиқ мешавад. Барои роҳбарони вазорат, идораҳо ва инчунин ҳокимони ноҳия ва шаҳрҳое, ки хидматрасониҳои давлатиро ба аҳолӣ бо баҳои «ғайриқаноатбахш» расондаанд, масъулияти шахсӣ муқаррар мегардад.

Платформаи онлайн бо истифодаи зеҳни сунъӣ ба кор даромада, ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки тавассути телефони мобилӣ ҷавобҳоро ба саволҳои марбут ба ҳаёти ҳаррӯзаашон ба таври дастрас ва қулай дарёфт намоянд. Ҳамчунин лоиҳаи қонун таҳия хоҳад шуд, ки ба барҳам додани омилҳое, ки барои фаъолияти адвокатҳо дар расонидани кумаки босифати ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон монеъ мегарданд, нигаронда шудааст.

Суҳбатнигор
**Н. АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

***Ҳоло вазъи ҷаҳон рӯз то рӯз тағйир меёбад. Дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, офатҳои табиӣ ва хушксолӣ ба амал меоянд. Оқибатҳои онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон ва албатта, ба ҳаёту зиндагии одамон таъсири манфӣ мерасонад.***

# УСТУВОРИИ ИҚТИСОДӢ – КАФОЛАТИ ФАРОВОНҲОЛИИ МАРДУМ

Дар чунин шароити мураккаб барои кишвари мо муҳим аст, ки роҳи рушди иқтисодӣ ва андозаи худро дуруст интихоб намояд. Зеро Ӯзбекистон бо имкониятҳои иқтисодии худ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне чун як давлате, ки метавонад ба иқтисодиёти ҷаҳон таъсири назаррас расонад, мақоми сазоворро соҳиб аст.

Таҳти роҳбарии Президенти кишвар 18 апрели соли ҷорӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои коҳиш додани таъсири ноустувориҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба бахш ва соҳаҳои мухталиф баррасӣ шуданд. Дар ин ҷамъомад як қатор масъалаҳои марбут ба таъмини суръати рушди иқтисодӣ муҳокима гардид.

Солҳои охир дар натиҷаи сиёсати хориҷии оқилона ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ, ки таҳти роҳбарии Президенти кишвар амалӣ мешаванд, барои соҳибкорон бозорҳои нав кушода шуда, навъҳои маҳсулот афзун мегарданд.

Тибқи таҳлили Донишгоҳи Ҳарвард, дар панҷ соли охир мавқеи Ӯзбекистон дар Индекси мураккабии иқтисодӣ 25 зина беҳтар гардида, аз ҷойи 105-ум ба мақоми 80-ум поин омад. Айни ҳол, 162 навъи маҳсулоти миллии мо ҳамчун «маводи дорои бартарии рақобатпазир дар бозорҳои ҷаҳонӣ» эътироф шудаанд.

Дар натиҷа, содироти кишварамон дар солҳои охир 2,2 маротиба афзудааст. Ҳаҷми муомилоти тиҷорати хориҷӣ нисбат ба маҳсулоти умумии дохилӣ ба 57 фоиз расид. Ин нишон медиҳад, ки иқтисодиёти мо то чӣ андоза ба бозорҳои хориҷӣ вобаста аст.

Дар ҳақиқат, ба туфайли ислоҳоти пайгиронае, ки дар Ӯзбекистон амалӣ мешаванд, иқтидори иқтисодии кишвари мо рӯ ба рушд овард ва имкониятҳояш торафт меафзоянд. Солҳои охир дар кишварамон сиёсати фаъоли сармоягузорӣ амалӣ шуда, корхонаҳои муосир таъсис ёфтанд, низоми андоз пурра ислоҳ гардид, ки дар натиҷа шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзуда, шароити зиндагии аҳолӣ хеле беҳтар шуд. Дар навбати худ, суботи макроиқтисодӣ низ дар кишварамон таъмин мегардад.

Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки ин тамоюлҳои мусбати иқтисодӣ ба марҳилаи нав ва баландтар бароварда шаванд ва устувории макроиқтисодӣ, ки пойдевори ислоҳот маҳсуб мешавад, боз ҳам мустаҳкам гардад. Президенти мо ин масъаларо бефарқона баррасӣ накардааст, зеро ҷаҳон дигар мисли пешин нест. Масъала на дар тариф ва на дар ҳаҷми онҳост. Он муассисаҳои байналмилалие, ки солҳо муносибатҳои устувор ва эътимоди мутақобиларо байни кишварҳо таъмин мекарданд ва қоидаву меъёрҳоеро таҳия намуда буданд, имрӯз тадриҷан самаранокии худро гум мекунанд.

Маълум аст, ки қатъ шудани занҷири таъминот ба раванди расонидани маҳсулот дар саросари ҷаҳон ва ба нархҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷустуҷӯи ашёи хом сар карда, то хароҷоти нақлиёт, арзиши иловагӣ ва дар ниҳоят, дастрас кардани он ба истеъмолкунанда — ҳамаи ин хароҷоти баланд фаъолиятҳои иқтисодиро зери хатар мегузорад.

Сарвари давлат таъкид кард, ки дар чунин шароит бояд танҳо ба неруи худ ва имкониятҳои дохилии кишвар такя намуда, бо ҷасорат қадам гузошт. Ҳар як вазорат, идора ва роҳбарони минтақаҳо бояд нақшаи мушаххас дошта бошанд ва шахсан ба истеҳсолу содирот машғул шаванд.

Инчунин, як қатор пешниҳодҳои муҳим ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ироа гардиданд. Масалан, ба корхонаҳои маҳаллӣ роҳ кушода шуда, ба масъалаҳои афзоиши истеҳсолот ва содирот таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар минтақаҳо Шӯроҳои маҳаллӣ ҳақ доранд, ки барои андози замин ва ҳаққи иҷора коэффитсиенти зиёдкунанда то ба 2 маротиба муқаррар намоянд. Аз соҳибкорон талаб карда мешавад, ки мувофиқи имкониятҳошон амал кунанд. Агар фишор кам ва фаъолияти онҳо васеъ карда шавад, даромад низ афзоиш меёбад. Акнун ба соҳибкорон иҷозат дода мешавад, ки ин андозҳоро ба ду қисм тақсим намуда, дар тӯли сол пардохт намоянд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои наве пешниҳод гардиданд, ки ҳалли онҳо барои мутобиқшавӣ ба тағйироти бозорҳои байналмилалӣ зарур аст. Пешниҳодҳо оид ба кам кардани таъсири таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳон ба соҳаву бахшҳо ва барои идомаи ислоҳоти фаъоли иқтисодӣ зарур, ироа гардиданд.

Вазифаҳои афзалиятноке, ки муқаррар шудаанд, барои ҳалли масъалаҳои муҳим ва саривақтӣ равона шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, иҷрои саривақтии онҳо ва такмили қонунгузории соҳа масъулияти бузургест бар дӯши мо — вакилони мардумӣ. Зеро таҳкими қудрати иқтисодии мо дар дасти мост. Ба гуфтаи Президент, дар чунин шароит танҳо ба неруи худ ва имкониятҳои дохилӣ такя намуда, бояд бо ҷасорат амал кунем.

**Равшан ФОЗИЛОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



*Дар корхонаи дӯзандагии «Саодат Денов текстил»-и ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё дӯхтудӯзи либос, кӯрпаву болин ва тайёр кардани ҷилдҳо ба роҳ монда шудааст. Дар байни коргароне, ки дар ин ҷо меҳнат мекунанд, 11 нафарашон бонувони ногиро мебошанд.*

*Шахсони ҷисмонан солиме ҳастанд, ки дар ҷамъият мавқеи худро пайдо карда наметавонанд. Айни замон инсонҳое ҳастанд, ки ба қадри ҳар лаҳзаи умр мерасанд, онро инъоми олӣ мешуморанд, ҳарчанд имкониятҳои ҷисмонии онҳо маҳдуданд. Онҳо ногиро бошанд ҳам ҳамеша меҳнат мекунанд ва шукри зиндагиро ба ҷо меоранд. Ин гуна бонувонро метавон маҳз дар «Саодат Деҳнав текстил» пайдо кард.*

***Дар сурат:** дар корхонаи «Саодат Деҳнав текстил».*

***Суратгир:***
***Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

***Дар Маркази намоишгоҳи ноҳияи Ҷомбой тӯли ду рӯз дар мавзӯи «Ярмаркаи меҳнат – рӯзи интихоби касб» анҷумани бошукӯҳ баргузор гардид. Дар чорабинӣ вакилон аз Туркия, Чин, Русия, Қазоқистон, Белорус ва якчанд кишварҳои Аврупо ва Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, инчунин намояндагони мактабҳои олии бонуфузи ҷаҳон ширкат варзиданд.***

# «ЯРМАРКАИ МЕҲНАТ – РӮЗИ ИНТИХОБИ КАСБ»

Дар намоишгоҳ натанҳо маълумот дар бораи касб, инчунин рӯйхати ҷойи кор, анҷомҳои меҳнат низ ба намоиш гузошта шуда, ба тамошобинон маълумоти зарурӣ пешниҳод гардид.

Бояд гуфт, ки дар рӯзи нахустин қариб 4 ҳазор нафар иштироккунандагон бо тартиби қабул ба кор ва таҳсил шинос шуда, бо ташкилкунандагони тадбир мубодилаи афкор намуданд. Воқеан, аксарияти ҳозирон хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, донишҷӯёни литсею коллеҷҳо ва ҷавонони муваққатан бекор буданд.

Дар доираи чорабинӣ масъулони мактабҳои олӣ, мутахассисони заводу фабрикаҳо, намояндагони ширкату фирмаҳои бонуфузи ҷаҳон бо довталабон суҳбат оростанд.

Боиси хушнудист, ки 55 донишгоҳи бонуфузи хориҷӣ бо мактабҳои олии Ӯзбекистон шартномаҳои ҳамкорӣ баста, ҷавононро ба таҳсили имтиёзнок таклиф намуданд.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов яке аз иштирокдорони фаъоли чорабинии мазкур буда, имсол беш аз 5 ҳазор нафар донишҷӯён факултаҳои гуногуни донишгоҳро хатм ва бо интихоби касби дӯстдошта фаъолияти меҳнатии худро оғоз мекунанд.

**Муродулло ТИЛЛОЕВ,**
**мудири шуъбаи маркетинг ва кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

***26 апрел — Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ***

# МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ — ТАҲТИ ҲИМОЯИ ҚОНУН

***Ин ба кадом маънист ва чаро моликияти зеҳнӣ бояд таҳти ҳимояи қонун қарор гирад? Дар ин самт татбиқи ислоҳот чӣ гуна ҷараён мегирад? Оё барои таъмини иҷрои ҳуҷҷатҳои меъёрии ин соҳа, аз ҷумла қарор «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди минбаъдаи соҳаи моликияти зеҳнӣ» корҳои мақсаднок иҷро мешаванд ва имрӯз, ки Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ муқаррар шудааст, метавон доир ба ҷилавгирӣ аз қонуншиканиҳо дар ин соҳа ҳарф зад? Барои дарёфти ҷавоб ба ин саволҳо бо сармушовири Садорати адлияи вилояти Фарғона оид ба ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ Ислом Абдулазизов мулоқот кардем.***

Ба гуфтаи Ислом Абдулазизов ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо тавассути татбиқи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ яке аз шартҳои муҳими рушди босуръати Ӯзбекистон маҳсуб меёбад.

– Дар шароите, ки соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат босуръат рушд мекунанд, барои дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувор пайдо кардан ва ба сатҳи кишварҳои пешрафта расидани кишвари соҳибистиқлоли мо, қадамҳои далерона гузоштани он яке аз омилҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Он гоҳ имкон фароҳам меояд, ки ислоҳот дар асоси ғояҳои нав, ихтироъ ва эҷоди брендҳои маъруфи минтақавӣ амалӣ шаванд, – изҳор намуд Ислом Абдулазизов.

Дарвоқеъ, маҳз барои ҳамин бо қарори Президенти мамлакат таҳти рақами ҚП-221 «Стратегияи рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2026» қабул шудааст. Гуфта мешавад, дар доираи ин стратегия аз ҷониби Садорати адлияи вилоят як қатор корҳо амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2024 ва 2025 аз ҷониби садорат ба зиёда аз 400 нафар шаҳрвандон, ки аз рӯйи ҳимояи ҳуқуқӣ ва татбиқи объектҳои моликияти зеҳнӣ муроҷиат намудаанд, машваратҳои ҳуқуқӣ расонида шудаанд.

– 152 аризаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ гардида, соҳибони 92 ариза қаноатманд гардонида шуданд. Ҳамзамон, дар 95 субъекти хоҷагидорӣ аз рӯи муроҷиатҳо ҷиҳати омӯхтани амалияи риоя ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ санҷишҳо гузаронида шуданд, – қайд намуд сармушовири Садорати адлияи вилоят.

Аз ҷумла, бар асоси муроҷиати ҶММ «AKFA ALUMINIUM» дар корхонаи хусусии «I.N» санҷиш гузаронида шуд ва муайян гардид, ки корхонаи мазкур бо тамғаи рамзӣ, ки ба қисми рамзии тамғаи молии дастаҷамъии «АКФА» шабоҳат дорад, маҳсулот истеҳсол намудаву онро барои фурӯш тақдим кардааст. Инчунин дар асоси аризаи ҶММ «SURPRISE ICE CREAM» дар корхонаи оилавии «F.I.C.» маълум гардидааст, ки корхона бо тамғаи «Андиҷона» яхмос истеҳсол мекунад.

Дар асоси аризаи ҶММ «Family Group» дар корхонаи ҶММ «S.W.» низ санҷиш гузаронида шуд ва дар натиҷа аён гардид, ки корхонаи мазкур бо истифода аз тасвири шабеҳи қисми тасвирии тамғаи молии «FLAVIS» нӯшокиҳои спиртӣ бо номи «САФИНУР» истеҳсол кардааст.

– Бо мақсади бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо 12 нафар шахсоне, ки талаботи қонунгузориро вайрон кардаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба субъектҳои соҳибкорӣ 75 пешниҳоди ҳатмӣ ва 11 огоҳинома тақдим гардид. Инчунин аз 5 нафар ҷарима ситонида шуд. Дар натиҷаи чорабиниҳо ҳуқуқи 135 объекти моликияти зеҳнӣ ҳифз карда шуд, – мегӯяд Ислом Абдулазизов.

(Давомаш дар саҳ.2).



# МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ – ТАҲТИ ҲИМОЯИ ҚОНУН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Гуфта мешавад, ки пиёда кардани чорабиниҳои профилактикӣ ё пешгирикунанда оид ба пешгирии нақзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ натиҷаву самараи некро ба бор оварданд. Ин чорабиниҳо дар бозор, марказҳои савдо ва муассисаҳои савдои сайёр гузаронида шуданд, ки теъдоди он бештар аз 100-торо ташкил менамояд.

– Мақсад аз роҳандозии чунин чорабиниҳои профилактикӣ ба истеҳсолкунандагон ва соҳибкорони молҳои чакана бояд фаҳмонд, ки оқибатҳои ҳуқуқии фурӯши маҳсулоти қалбакӣ ба фоидаи онҳо нест. Онҳоро лозим меояд, ки аз тавзеҳоти васеъ хулосаи дуруст бароранд. Дар ин замина зиёда аз 500 феҳристи маҳсулоти қалбакӣ паҳн карда шуд, – иброз медорад сармушовири Садорати адлияи вилоят.

Ногуфта намонад, ки барои таъмини амалияи муттасил ва ягонаи татбиқ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ як қатор корҳои тарғиботии ҳуқуқӣ амалӣ шудаанд ва ин раванд идома пайдо кардааст. Аз ҷумла, 9 навори иҷтимоӣ ва 25 мақола оид ба ҳуқуқи муаллиф ва маҳсулоти қалбакӣ таҳияву танзим гардид. Тавассути он ба мардум фаҳмонида шуд, ки онҳо маҳсулоти аслиро аз маҳсулоти қалбакӣ фарқ карда тавонанд. Дар бораи зарару оқибатҳои ин иқдомоти ногувор дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ маълумоти зиёд нашр шудааст.

– Ҳамасола аз 15 феврал то 15 март дар вилоят «Моҳи маҳсулоти тоза ва бидуни қалбакӣ» баргузор мешавад. Дар доираи моҳона то имрӯз ҷиҳати пешгирии нақзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар бозору маҷмааҳои савдо, муассисаҳои савдои сайёр, дорухона, мағозаҳои махсуси фурӯши маҳсулоти спиртӣ ва тамоку, инчунин субъектҳои хоҷагидорие, ки ба савдои китоб машғуланд, чорабиниҳои маърифативу ҳуқуқӣ, мизи мудаввар ва семинарҳо гузаронида шуданд. Талош кардем, ки доир ба ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ сатҳи дониши онҳо баланд гардад ва дар маҳалҳо онро шарҳу эзоҳ диҳанд, – тазаккур дод Ислом Абдулазизов.

Вай афзуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти махсуси ваколатдор ҷиҳати ошкор намудани ҳолатҳои истеҳсоли пинҳонии маҳсулоти қалбакӣ, гузаронидани назорат дар объектҳои тиҷоратӣ, бидуни дахолат ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва бо ризоияти онҳо баъзе объектҳо «минтақаҳои озод аз маҳсулоти қалбакӣ» эълон карда шуданд, ки ин ҳама ҷиҳати ҳимояи моликияти зеҳнӣ ҳамчун омили муҳим хидмат хоҳанд кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Тими мунтахаби ҷавонони Ӯзбекистон дар мусобиқаи бонуфузи футболи наврасон бо Арабистони Саудӣ ҷасорати беҳамто нишон дода, соҳиби Ҷоми Осиё гардиданд.***

# ЧЕМПИОНРО МУНОСИБ ПЕШВОЗ ГИРИФТАНД



Боиси хурсандист, ки дар ғалабаи таърихӣ саҳми тарбиятгирандагони мактаби футболи Намангон Мӯъминхон Баҳодирхонови косонсойӣ ва Ҳоҷиакбар Ботиралиеви норинӣ низ арзанда аст.

Чанде пеш футболбози боистеъдоди косонсойӣ Мӯъминхон ба хонааш баргашт. Ҳокими ноҳия Дилмурод Қодиров, нурониён, фаъолони маҳаллаҳо, ҷавонон ӯро муносиб пешвоз гирифтанд.

– Ғолибият ба ҳамаи мо муборак бод! – гуфт ҳоким. – Аз ин шодем, ки сарвари давлатамон аъзоёни дастаи ҷавононро бо ин ғалабаи таърихӣ табрик намуд. Дар номаи табрикӣ чунин ҷумлаҳоро хондан мумкин: «Шумо барин ҷавонони далеру диловари мо дар тӯли тамоми мусобиқа боре ҳам мағлуб нагардида, натиҷаи рекордӣ ба даст овардед ва шарафи Ватани маҳбубамонро мардонавор ҳимоя намудед ва ин бешубҳа, воқеаи пурифтихорест, ки дар таърихи футболи мамлакатамон бо ҳарфи заррин сабт хоҳад шуд».

Боварӣ дорем, ки ин муваффақияти дастаи ҷавонон, барои наврасони ноҳияамон низ намунаи ибрат асту шумораи ин хел ҷавонон дар оянда бисёр мешавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# ВАРАҶА

## аломат, нишона ва роҳҳои табобати он

***Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи пешгирии вараҷа ва табобати чунин беморон ҳар сол 25 апрел ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии мубориза бо вараҷа таҷлил мешавад.***
***Мо ба ин муносибат бо мудири шуъбаҳои лаборатория ва паразитологияи Садорати осоиштагии санитарию эпидемиологӣ ва саломатии ҷамоатии вилояти Намангон, номзади фанҳои тиб Зокирҷон ОБИДОВ суҳбат кардем.***

**– Вараҷа бо кадом аломатҳо аён мешавад?**

– Вараҷа бо эҳсоси хунукӣ ва ларза, баландшавии ҳарорати бадан то 40 дараҷа ва аз он ҳам боло, дарди сар, табларза ва қайъкунӣ, арақ кардан намоён мешавад. Баъзан диққи нафас ва нафаскашии амиқ, ларзишҳои сершумор, нишонаҳои камхунӣ ё ки хунравии ғайримуқаррарӣ низ содир мешаванд.

Вараҷа бемориест, ки ба ҳаёт таҳдид мекунад ва аз газидани магас ба вуҷуд меояд. Паразит дар ҷигар, сипас дар ҳуҷайраҳои хун афзоиш меёбад.

**– Одамон барои ҳифзи худ аз ин беморӣ бояд чӣ кор кунанд?**

– Якум, ҳар як инсон бояд нисбати саломатии худ боэътибор бошад, ба қоидаҳои гигиенӣ амал кунад, хонаву ҷои худро тоза нигоҳ дорад. Дар ҷойҳои ҷамоатӣ низ ҳама бояд ба тозагӣ риоя кунанд, ки бо ин пахншавии хомӯшакҳо ва ҳашароти гуногуни зарарнокро пешгирӣ мекунанд.

Сониян, бешубҳа ҳимоя аз ҳашарот 100 фоиз ғайриимкон аст. Аммо то қадри имкон бояд ҳар як кас ба худ шароит муҳайё кунад, аз дору ва воситаҳои санитарӣ истифода барад. Мардум дар тобистон барои муҳофизаи шахсӣ бояд аз пашшахонаҳо истифода баранд, чунки пашша ва хомӯшаку ҳашароти зарарнок аксаран ҳангоми хоб ва субҳ «фаъол» мешаванд.

Назорати низоми обёрӣ пешгирии ба як ҷо ҷамъ шудани об, яъне ҳосилшавии кӯлмакҳо муҳим аст. Истифодаи либосҳои муҳофизатӣ, торҳои синтетикӣ барои дару тиреза ва пардаҳо қисми таркибии маҷмӯъи тадбирҳои профилактикӣ мебошанд, ки ба муҳофизати аҳолӣ аз ҳуҷуми магасҳо нигаронида шудаанд.

**– Дар ин бобат садорат чӣ гуна корҳоро ба роҳ мондааст?**

– Инак, 14 сол боз дар Ӯзбекистон касе ба ин касалӣ дучор нашудааст.

Барои он, ки ин беморӣ сар назанад, манбаъҳои эҳтимолии пайдоиши онро бояд безарар кард.

Мо дар ин бобат корҳои муфидро амалӣ карда, барои мубориза бо вараҷа аз асбобҳои тиббии замонавӣ истифода мебарем.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии вараҷа ва дигар касалиҳои хавфнок дар нуқтаҳое, ки дар ҳудуди вилоят, аз ҷумла шаҳри Наманган, ноҳияҳои Поп, Учқӯрғон ва Косонсой ташкил гардидаанд, назорати қатъӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин соли гузашта зиёда аз 2 миллиону 300 ҳазор ӯзбекистониён ва хориҷиён аз назорат гузаронида шуданд. Хурсандиовар аст, ки ягон касалии хавфнок ба қайд гирифта нашуд.

Бобати пешгирӣ аз бемориҳои вараҷа дар ҳамкорӣ бо соҳаҳои тандурустӣ, таълим, маҳалла, идораҳои корҳои дохилӣ, шуъбаи мудофиа, хоҷагии қишлоқ ва садорати хоҷагии об бо аҳолӣ чандин маротиба суҳбатҳо гузаронида, варақа, буклет ва баннерҳои ранга пешниҳод ва тақдим шуданд.

Ҳамдиёронамон агар ба тавсияҳои мутахассисони соҳа амал кунанд, нафақат саломатии худ, балки бехатарӣ ва сиҳҳатии атрофиён ва фарзандонро низ таъмин хоҳанд кард.

**– Барои суҳбат ташаккур!**

– Саломат бошед!

**Ш. ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*




# «ӮЗБЕКИСТОН – КИШВАРИ КИТОБХОНҲО»

Дар Маркази ахбору китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизии вилояти Сурхондарё ва маркази ахбору китобхонаҳои навоҳӣ таҳти шиори «Ӯзбекистон – кишвари китобхонҳо» ҳафтаи китобхонӣ гузаронида шуд.

Бо мақсади васеъ ташвиқу тарғиб намудани китобхонӣ дар вилояти Сурхондарё соли 2025 «Соли қадрнамоии китоб ва мутолиа» эълон карда шуд. Ба ин муносибат 27 марти соли ҷорӣ барномаи ҳокимияти вилоят таҳти шиори «Як китоб – роҳкушои ҳазор олам» таҳия шуда, баҳри иҷро роҳандозӣ гардид. Тазаккур бояд дод, ки иҷрои дастури мазкур дар давоми сол идома ёфта, барои пурмазмун ва хотирмон амалӣ намудани он марказҳои ахбору китобхонаҳои навоҳии вилоят, донишгоҳҳои таълими олӣ, шуъбаи вилоятии маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, раёсати таълими халқии вилоят, шуъбаи вилоятии Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ, раёсати ахбор ва коммуникатсияи оммавии вилоят, шуъбаҳои иттифоқи нависандагон ва журналистон, ширкатҳои садо ва симои вилоят ва дигар расонаҳои ахборӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар давоми ҳафтаи ҷорӣ ба муносибати иҷрои барномаи мазкур бо иштироки донишомӯзон, толибилмони масканҳои таълими олӣ ва ташкилотҳои ҷамоавӣ оид ба маданияти китобхонӣ, тарғиби китобхонӣ дар ҷойҳо аввалин чорабиниҳои маданӣ-маърифатӣ баргузор шуда, намоиши китобҳои тозанашр, ярмаркаи савдои китоб ташкил гардиданд.

Чунон ки дар барнома қайд гардидааст мувофиқи супориши ҳокими вилоят барои пурмазмун гузаронидани ҳафтаи китобхонӣ ва маданияти мутолиа аз ҷониби ҳокимони шаҳру навоҳӣ ба марказҳои ахбору китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизии вилоят, шаҳри Тирмиз ва ноҳияҳо дурдонаҳои адабиёти ватаниву ҷаҳонӣ, китобҳои илмию оммабоб ва дигар адабиётҳои гуногун тuҳфа мегардад. Аз ҷумла, ҳокими ноҳияи Ҷарқӯрғон Элмурод Авазов дар чорабиние, ки дар маркази ахбору китобхонаи ноҳия баргузор гардид, ширкат варзида, оид ба аҳамияти китоб дар рушду камолоти маънавии инсон ибрози назар кард.

– Эълон гардидани «Соли қадрнамоии китоб ва мутолиа» ташаббуси нек мебошад, – гуфт ҳокими ноҳия. – Чунки дар масъалаи таълиму тарбия ва илмомӯзии ҷавонон ҳеҷ чиз ҷойи китобро гирифта наметавонад. Дар гузашта аҷдодони мо китоб мутолиа намуда, илму маърифат паҳн карда, китоб чун нон арҷ мегузоштанд. Мо ҳам дар зеҳну шуури насли наврас, ҷавонон меҳри китобро бедор намуда, аз хурдӣ онҳоро ба мутолиа ҷалб намуданамон лозим. Барои рағбатнок намудани ҷавонон ҳар гуна чорабиниҳо, озмунҳо созмон додан ба мақсад мувофиқ аст. Мо роҳбарон ташаббусро дастгирӣ хоҳем кард.

Роҳбари ноҳия Элмурод Авазов дар давоми чорабинӣ ба маркази ахбору китобхонаи ноҳия 500 нусха китобҳои нодири гуногун туҳфа намуд. Дар натиҷа бойгонии маркази мазкур ба 68 ҳазору 913 дона расид.

Ҳокими ноҳияи Тирмиз Шуҳрат Назаров низ дар чорабинии мазкури ноҳия иштирок намуда 500 дона китобҳои бадеӣ, сиёсӣ, илмӣ армуғон намуд ва миқдори захираи ахбору китобхонаи марказ ба 21 ҳазору 735 нусха расид.

Чунин чорабинии фарҳангии бошукӯҳ дар Маркази ахбору китобхонаи вилояти Сурхондарё ба номи Адиб Собири Тирмизӣ низ дар санаҳои 24-25 апрел гузаронида шуд, ки дар он ҳама намояндагони мутасаддии вилоят иштирок доштанд. Ба ин марказ низ 500 нусха китобҳои гуногуни нодир туҳфа карда шуд. Роҳбари Маркази ахбору китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизӣ Маъруф Абдушукуров зимни суханронии хеш дар бораи аҳамияти китобу маданияти китобхонӣ ҳарф зада, таъкид намуд, ки майлу рағбати ҷавонон ба китобу китобхонӣ сол то сол меафзояд ва вобаста ба талаботи китобхонҳо захираи марказҳои ахбору китобхонаҳо низ ба тадриҷ зиёд мешавад. Алалхусус, захираи китобҳои электронӣ низ бо суръат афзоиш дорад.

Дар чорабинии фарҳангии мазкур донишҷӯёни шуъбаи тоҷикии факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз низ дар ин рӯзҳо ширкат варзида, бо як ҷаҳон таассурот баргаштанд. Ширкати онҳо бо либосҳои миллӣ ба ҳусни чорабинӣ ҳусн зам намуд. Дар маркази мазкур миқдори китобҳои тоҷикӣ низ мавҷуд буда, дар назар аст, ки бо Ҷумҳурии дӯсту бародари Тоҷикистон низ шартномаҳо ба имзо расида, теъдоди китобҳои тоҷикӣ зиёд карда шавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# ӮЗБЕКИСТОН БОРИ АВВАЛ БА УЗВИЯТИ ШӮРОИ РОҲБАРИКУНАНДАИ ЭСКАТО ИНТИХОБ ШУД

***21-25 апрели соли равон сессияи 81-уми солонаи Комиссияи иҷтимоӣ ва иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид барои Осиё ва Уқёнуси Ором (ЭСКАТО), воқеъ дар шаҳри Бангкок баргузор шуд.***

Дар кори сессия намояндагон аз 53 давлати узви ЭСКАТО, аъзоёни ассотсиатсия ва ташкилотҳои байналмилалӣ, дар умум 900 нафар иштирок карданд.

Чорабиние, ки дар сатҳи вазирон доир гардид, таҳти унвони «Дар қафо нагузоштани ҳеҷ кас дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором, пешбурди Рӯзномаи рушди устувор ва ҳалли асосҳои барқарор, фарогир, илмӣ ва далелҳои асоснок барои ноил шудан ба Мақсадҳои рушди устувор то соли 2030» ташкил шуд.

Ӯзбекистон дар чорабинӣ дар сатҳи Намояндаи доимии ЭСКАТО ширкат кард.

Рӯзҳои 22-23 апрел дар доираи сессия барои аъзои нави Шӯрои роҳбарикунандаи Маркази таълимии ЭСКАТО оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Осиё ва Уқёнуси Ором интихобот гузаронида шуд.

Бино ба натиҷаҳои интихобот Ӯзбекистон (Вазорати технологияҳои рақамӣ) бори аввал чун узви Шӯрои роҳбарикунандаи Маркази таълимии ЭСКАТО оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Осиё ва Уқёнуси Ором барои солҳои 2025-2028 интихоб шуд.

**АИ «Дунё»,**
*Шаҳри БАНГКОК.*

*Ҳафтаи китобхонӣ*

# КИТОБ – САРЧАШМАИ ИЛМУ АДАБ

***Инсон аз рӯзе, ки таваллуд мешавад, то охири умр кӯшишу ғайрат ва ҳаракат мекунад. Ба дигарон дар мулоқот мешавад. Ана дар ҳамин лаҳзаҳои ҳаёт, яъне айёми кӯдакӣ, мактабхонӣ, оиладорӣ ва кору меҳнат барои инсон дар рафтор, кирдор ва гуфтораш як қолаби муайяне лозим аст, ки ҳаминро одоб номидаанд. Одоб танҳо мансуби инсон мебошад, ки дар ҳаёт, оила, мактаб ва ҷамъият омӯзонида мешавад.***




Одоби инсон бо шарму ҳаё, илму дониш, ақлу хирад, хушгуфторию хушрафторӣ, ҳалимию меҳрубонӣ, раҳму шафқат, ҳалолкорию парҳезкорӣ, покию озодагӣ, росткорӣ ва хайру эҳсонаш баҳо дода мешавад.

Шоир фармудааст:

*Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,*
*Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.*

Одоб бо илму амал, ақлу хирад, ҳалолкорию парҳезкорӣ ва муруввату одамгарӣ мукаммал шуда, инсонро ба қуллаҳои баланди ҳаёт мерасонад.

Касе, ки ин хислатҳоро дорад, ҳаёташ пурмазмун мегузарад. Аз ин рӯ, одобу ахлоқи нек ва тарбияи хуб аз оила сар мешавад. Барои ин аввало калонсолон, падару модар ва дигар аъзоёни оила бояд соҳиби одат ва хислатҳои неки инсонӣ бошанд.

Ҳақ бар Абдураҳмони Ҷомӣ, ки гуфтааст:

*Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,*
*Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ арзон аст.*

Акнун саволе ба миён меояд, мо ин илму адабро аз куҷо меомӯзем?

Ба саволамон Абураҳмонӣ Ҷомӣ чунин ҷавоб додааст:

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

Аз ин рӯ соҳиби илму адаб ва тарбия намуда ба воя расонидани насли наврас вазифаи муқаддас, шараф ва ору номуси ҳар як фарди солими ҷомеа аст. Тарбия кори саҳлу осон нест. Он ҷараёнест, ки тӯли моҳҳову солҳо ва ҳатто даҳсолаҳо ба туфайли сабру бардошт, бурдбориву таҳаммул ва қатъият муяссар мегардад.

Ҳамаи ин хислатҳо ба омӯзиши мероси аҷдод, одобу ахлоқи мо, ба инкишофу такмили минбаъдаи инсони имрӯзаю оянда дар оила, боғча, мактаб ва ҷамъият ба хондани китоб, маҷаллаю рӯзнома ва аз тариқи телевизиону интернет тамошо кардани мавзӯъҳои лозимӣ ва дар амал иҷро кардани он вобастагии бемисл дорад.

Китоб хазинаи тамомнашавандаи илму дониш ва одобу ахлоқ мебошад. Китоб ин дӯсти мушфиқу беминнат, ёри ғамхору меҳрубон дар дармондагӣ, дар ғаму андӯҳ ва дар танҳоию ноумедиҳо мебошад. Чи хеле ки Ҷомӣ фармудааст:

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест.*

Чи хеле ки бе обу ҳаво инсон ҳаёт гузаронида наметавонад, аз ин рӯ китоб ҳам барои бомаърифату бофарҳанг ҳаётгузаронии инсон мӯъҷиза ҳисоб меёбад. Пулу мол ва дигар сарват бо мурури вақт кам ва гум мешавад. Аммо илму дониш, одобу ахлоқе, ки аз китоб мегирем, на кам мешаваду на гум ва касе онро дуздида наметавонад. Илму дониши аз китоб гирифтаамон ҳамчун нақш дар санг, дар майнаамон мемонад.

Солҳои охир китобҳои электронӣ баромадаанд, ки мо осонакак аз онҳо истифода бурда, илму дониш ва адаб меомӯзем, вақти кам сарф мекунем, аммо баъди анҷоми мутолиа гӯё дар мо ҳеҷ чизе намондагӣ барин менамояд. Агар дар болои миз ё ҷевонатон китоб бошад, инсон худашро бардаму шод ҳис мекунад ва гӯё соҳиби сарват асту такягоҳ низ дорад. Аз ин рӯ, китобхон ба се тоифа ҷудо мешавад: тоифаи якум барои вақтгузаронӣ китоб мехонад, тоифаи дуюм бошавқу ҳаваси зиёд хонда, ҳар як нуқтаю вергулашро дар хотираш нигоҳ дошта, ба дигарон як ба як гуфта медиҳанду аммо амиқтар фикр ва амал намекунад, тоифаи сеюм – баъзеашон як маротиба, баъзеашон ду-се маротиба хонда, гӯё донакро шикаста мағзашро мехӯрда бошанд, худашонро дар ҷойи қаҳрамонони мусбат монда, ба муаллиф баҳои муносиб медиҳанд ва дар амал баҳри иҷрои он ҳаракат мекунанд.

Хонандаи муҳтарам, биё, хонандаи тоифаи сеюми китоб бошем.

**Алӣ Муҳаммадхони ПӮЛОДӢ,**
**Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Ба пешвози 80-солагии Ғалаба*

# ОН ҶАНГРО ДАР ТАЪРИХ ҲАМТО НАБУД...

Рӯзе муҷассамаи «Модари мотамзада»-ро зиёрат кардам. Модар бо сари хам ва ду даст болои зону буд. Аз чеҳраи изтиробулуди модар ҳувайдост, ки ҳанӯз роҳи писари бедараки худро, ки ба ҷанги зидди фашистон рафтааст, мепояд. Ду дидагони ӯ ба сӯйи оташи ҷовидон дӯхта шудаанд. Танҳо фаввораи ин оташ ба дили пураламу ғамноки модар андак гармӣ бахшида, онро таскин медиҳад.

Ин майдон ҳамеша серодам аст. Ҳамон рӯз низ одамони зиёд ба зиёрати муҷассамаи «Модари мотамзада» омада буданд. Як гурӯҳ сайёҳон вориди ин майдон шуда, чашмашон пеш аз ҳама ба муҷассамаи модар афтид. Баъд гӯшу ҳуш ба роҳбалад дӯхтанд, ки барояшон дар бораи таърихи муҷассама, симои модари ғамзада маълумот ироа менамуд. Ҳарфҳои ӯ дар замири сайёҳон ҳайратро бедор мекард ва онҳо гоҳе чашм аз даҳони роҳбалад канда, ба сӯйи модар менигаристанд. Баъзе аз онҳо дар китобчаи худ ким-чиҳоро қайд мекарданд ва дубора чашму гӯш ба роҳбалад медӯхтанд. Бо анҷоми нақли ӯ ҳама зери муҷассама сурат гирифтанд.

– Ин оташи ҷовидон ба поси хотири қариб 2 миллион нафар ҷавонмардони ӯзбекистонӣ гузошта шудааст, ки 538 ҳазор нафарашон ҳалок ва 158 ҳазор нафар бедому дарак шудаанд, – гуфт роҳбалад ба сайёҳон ва онҳоро ба тамошои ду айвони дарози бо тарзи меъмории миллӣ эъморшуда раҳнамоӣ кард, ки дар он ному насаб ва маълумоти шаҳидони ҷанг сабт шудааст.

Дарвоқеъ, ҳодисаи мудҳиштарине, ки дар асри XX ба вуқӯъ пайвасту бузургтарин талафоти ҷониву молӣ аз худ дар пай гузоштааст, Ҷанги дуюми ҷаҳон мебошад. Ин ҷанг дар радифи он ки миллионҳо ҷавонмардонро аз саросари ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ, аз ҷумла Ӯзбекистон ба коми нестӣ кашидааст, дар дили ҳазорҳо модарон доғи ҷудоӣ аз фарзандонро гузоштааст, садҳо ҳазор занро аз шавҳар ва фарзандонро аз падар маҳрум кардааст.

Тавре ки устод Абулқосим Лоҳутӣ навиштааст:

*Он ҷангро дар таърих ҳамто*
*набуд,*
*Ҷанги хунину бераҳмона*
*буд.*

Дар ҳақиқат, ин байт даҳшати он ҷанги хонумонсӯзро дар худ акс намудааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ аз вилояти Фарғона беш аз 150 ҳазор нафар ба Ҷанги дуюми ҷаҳон сафарбар шуда, аз ин шумор 54 ҳазору 981 нафар дар майдони набард ҷони худро бохтаанд. Баъди итмоми ҷанг дастикам 15 ҳазор сокини шаҳру ноҳияҳои вилоят барои мардонагӣ ва шуҷоат дар ҷанг ба унвонҳои олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ ва ордену медалҳои ҷангӣ сазовор гардидаанд.

Дар марҳилаҳои аввали ҷанг зиёда аз 1 ҳазору 280 нафар кӯдакон аз хати пеши фронт ба вилояти Фарғона интиқол дода шудаанд. Минбаъд низ ҳазорҳо нафар бачагони бепадару сағира дар хонаҳои бачагони вилоят таҳти сарпарастӣ қарор гирифтаанд. Гуфта мешавад, ки солҳои 1941-1942 ба вилояти Фарғона 10 хонаи бачагон кӯчонида шуда, то охири соли 1944 дар 36 хонаи бачагон кӯдакони бепарастор ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои Комитети иҷроияи вилоят, ки дар хазинаи 1124-уми бойгонии Фарғона нигоҳ дошта мешаванд, соли 1941 бо мақсади бо кадрҳои хурди тиббӣ таъмин намудани муассисаҳои санитарию тиббии ҳарбӣ Артиши Сурх дар Фарғона барои 175 нафар курсҳои такмили ихтисос ташкил карда шудааст. Соли 1942 Донишкадаи тиббии рақами 4-уми шаҳри Маскав ба Фарғона кӯчонида шуда, барои таҳсили 500 нафар донишҷӯён 44 нафар профессорону кормандони варзидаи тиб он ҷо сафарбар гардидаанд. Илова бар ин, 16 беморхонаи дорои 5000 кат маҳз ба ин вилоят тахлия шудааст. Дар радифи он, 3 хонаи маъюбон бо ғунҷоиши 550 кат маъюбони ҷангро мавриди муолиҷа қарор додааст.

Инчунин, Институти шарқшиносӣ, Мактаби олии дипломатӣ ва Донишкадаи кимиё-технологии Маскав ба номи Д. И. Менделеев низ ба шаҳри Фарғона интиқол дода шудаанд. Дар шаҳри Қӯқанд Техникуми маъдани кӯҳӣ-технологии Кировро ҷойгир кардаанд, то фаъолияташро идома дода, кадрҳои баландмалакаро тарбия намояд.

Бо вуҷуди он ки ҷанг дар хати пеши фронт муттасил давом мекард, барои таъмини ҷанговарон бо таҷҳизоти техникиву низомӣ, лавозимоти ҷангӣ, хӯроквори ва амсоли он мардуми ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат мекашиданд ва барои таъмини ғалаба бар фашизм саҳм мегузоштанд.

Бино ба маълумоти омори расмӣ дар солҳои 1941-1944 Марказ барои сохтмон ва таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ дар вилояти Фарғона 195,4 миллион рубли шӯравӣ равона кардааст. Дар солҳои ҷанг дар вилоят зиёда аз 30 корхонаи калон сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Дар солҳои 1941-1945 Фарғона бештар аз 602 ҳазор тонна ашёи хоми пуркимати саноатӣ ва 18 ҳазор тонна пилла истеҳсол кардааст.




Мувофиқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонии Садорати кишоварзии вилоят соли 1941 маҳсулоти умумии вилоят 104 фоизро ташкил додааст, дар соли 1942 ин рақам боз ҳам афзоиш ёфта, ба хазинаи давлат назар ба соли 1941 190 миллион сӯм зиёд даромад ворид шудааст. Меҳнаткашони вилоят дар соли 1942 беш аз 54 ҳазор тонна пӯст ва пашм, 9 ҳазору 159 адад либосҳои гуногун, 23 ҳазору 334 ҷуфт пойафзору ҷуроб ва ба миқдори зиёд либосҳои гуногуни тайёрро ба аскарон фиристодаанд. Дар соли 1945 истеҳсоли маҳсулоти саноат дар вилоят назар ба соли 1940 2,2 баробар афзудааст ва Фарғона баъд аз Тошканд дар ҷумҳурӣ базаи дуюми саноатӣ маҳсуб шудааст. Ба ин васила вилоят ба ғалабаи бузурги халқҳои собиқ шӯравӣ дар ҷанги зидди фашизм ҳиссаи калон гузоштааст.

Мардуми Фарғона ҳамеша бо қаҳрамонони диловари худ, чун Мамадалӣ Топиволдиев, Тӯйчӣ Назаров, Тоҷиалӣ Бобоев, Аҳмадҷон Шукуров, Тӯхтасин Аҳмадов, Муҳиддин Умриддинов, Қосим Ёқубов, Абдусалим Деҳқонбоев, Амиралӣ Саидбеков, Тешабой Одилов ва дигарон ифтихор мекунанд. Онҳо дар ҷанги зидди фашизм ба унвони баланди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ ва гирифтани ордену медалҳои зиёди ҷангӣ мушарраф гардидаанд.

Ҳамдеҳаи мо Тешабой Одилов низ дар ҷанги зидди фашизм қаҳрамониҳои беназир нишон додааст. Тибқи маълумотҳои ахире, ки ба дасти фарзандбузурги ӯ – Одилҷон Тешабоев расидааст, падараш ба унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сазовор шудааст, аммо он ба соҳибаш – падари ӯ супурда нашудааст.

– Ин хабарро мо – фарзандон ва тамоми хешовандону ҳамдеҳагон бо хурсандӣ истиқбол намудем, – мегӯяд Одилҷон Тешабоев. – Ҳарчанд падарам мегуфтанд, ки бо фармони Сарфармондеҳи олии Иттиҳоди Шӯравӣ ба чунин унвони олӣ сазовор гаштаанд, аммо замони дар қайди ҳаёт будан барои ба даст овардани он талош ба харҷ надодаанд. «Даҳҳо адибони тоҷику ӯзбек, русу белорус ва украину дигарон дар бораи ҷасоратҳоям шеъру достон ва қиссаҳо навиштанд. Ҳамин бароям кифоя аст, ки номи маро ҷовидонӣ хоҳанд кард», мегуфтанд бо қатъият падари фурӯтанам.

Тавре дар урфият мегӯянд, «Ҳақиқат каҷу килеб мешавад, аммо намешиканад». Маълум шуд, ки Сарфармондеҳи олӣ И. В. Сталин шуҷоату қаҳрамониҳои Тешабой Одиловро эътироф ва ӯро бо чунин унвони олӣ сарфароз гардонидааст. Албатта, он рӯз дур нест, ки ситораи тиллоӣ гӯшаи «Осорхонаи Тешабой Одилов»-ро, воқеъ дар деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх, ҷилои тоза бахшад.

Беҳуда нест, ки устод Мирзо Турсунзода дар достони «Баҳодури тоҷик» Тешабой Одиловро чунин васф намудааст:

*Зад шӯъла даме, ки оташи*
*ҷанг,*
*Монанди шарорае ту ҷастӣ,*
*Баҳри ғазабат ба ҷӯш омад,*
*Кардӣ ба сарат кулоҳи ҷангӣ...*

– Солҳои ҷанг баъди дарс ва баъзан аз сари субҳ ба саҳро мешитофтам ва дар колхоз ҳисобчӣ шуда кор мекардам. Он солҳо ёфтани як пора нон хеле мушкил буд. Мардум шабу рӯз меҳнат мекарданд, ки аскаронамон дар майдони ҷанг гурусна намонанд ва фашистонро маҷбур созанд, ки ақибнишинӣ кунанд. Барои ҳиссаи банда дар ақибгоҳ, чанд бор ба тӯҳфаҳо сазовор гардидам, соҳиби нишону мукофотҳои давлатӣ шудам, – мегӯяд Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, устоди беназир Бегалӣ Болтаев.

Ба гуфтаи ӯ ҷанги хонумонсӯз одамонро маҷбур намуд, ки ба хотири як пора нон дороии худро фурӯшанд ва шиками худу фарзандонашонро сер кунанд. Барои ҳамин номи ҷанг дар олам гум шавад, то мардуми ҳар қитъаву кишвар дар фазои орому осуда зиндагӣ кунанд.

Солҳост, ки дар мамлакати мо 9 май ҳамчун Рӯзи хотира ва қадр пешвоз гирифта мешавад. Имсол низ он таҳти шиори «Қаҳрамонӣ барои шукуфоӣ, сулҳ ва ҳифзи Ватан фаромӯш нахоҳад шуд» таҷлил мегардад. Тавре ки дар қарори Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев «Дар бораи омодагӣ ва таҷлили муносиби 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ва Рӯзи хотира ва қадр» омадааст, «Ҷасорати олӣ ва қаҳрамонии халқи мо дар роҳи ҳифзи Ватан барои тамоми наслҳо намуна ва мактаби ибрат мебошад».

Ҳоло тибқи маълумоти ахир дар вилояти Фарғона ҳамагӣ 9 нафар иштирокдори ҶДҶ боқӣ мондаанд. Ному хотираи қаҳрамононе, ки барои ғалаба бар фашизм ҷони худро нисор кардаанд, албатта дар ёди мардум ҷовидон боқӣ хоҳад монд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Рушди соҳаи сайёҳӣ*

***Табиати мафтункору гӯшаҳои хушманзараи Сангардак нотакрор буда, диққати ҳар як меҳмон ва сайёҳро ба худ ҷалб месозад. Тайи се-чаҳор соли охир ин гӯша боз ҳам ободу зебо гардид ва ба як ҷойи хуби истироҳатӣ мубаддал гашт. Аз ин рӯ, ба ин ҷо сафар кардану таассуротҳои нек бардоштани шумораи зиёди сайёҳон қобили қабул ва боиси ифтихор аст.***

# САЙЁҲОНИ ЭРОНӢ ДАР САНГГАРДАКИ АФСОНАВӢ

Ҳафтаи сипаригардида ба осоишгоҳи «Сангардак», ки дар як мавзеи хушбоду ҳаво ҷойгир шуда шароити хубу замонавӣ дорад, сайёҳони эронӣ иборат аз 24 нафар омада, тайи ду рӯз истироҳат намуданд.

Яке аз сайёҳон Бежан Бостонӣ, муҳандиси бинокор аз устони Форсӣ, минтақаи Бушери Эрони ҷанубӣ таассуроташро иброз дошт:

– Бори нахуст аст, ки ба ин минтақа қадам ранҷа дорам. Қабл аз ин оиди ин гӯшаи афсонавӣ маълумоти кофие надоштам. Дар доираи ду рӯзи истироҳатамон воқиф гардидам, ки мо ба ҷое омадаем, ки чаҳор тарафро кӯҳҳои пурвиқор иҳота кардаанду рӯдхонаи софу шаффоф низ дорад. Аз ҳама муҳимаш, обу ҳавои тозае дорад ин минтақаи кӯҳистони шумо, ки аллакай қиёфаи шаҳрро низ дорост. Аз шарту шароити осоишгоҳи «Сангардак» ба ваҷд омадам. Хусусан, тарҳи меъмории ин осоишгоҳ маро ба ҳайрат овард.

Ба шаршараи «Сангардак» низ рафтем. Ин қадар манзараи нотакрору инъоми табиати беғубор ҳар яки моро ба ваҷд овард.

Хулоса, аҳд намудам, ки бори дигар низ ба ин гӯшаи афсонавӣ хоҳам омад ва дигар дӯстону ҳамшаҳриёнамро баҳри истироҳат ба ин минтақа даъват хоҳам намуд.

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН,**
**рӯзноманигор.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# САБҚАТ БАРОИ «ҶОМИ ДЕКАН»

***Дар факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз мусобиқаҳои варзишӣ оғоз гардиданд. Дар онҳо кулли донишҷӯёни ин бахш барои ба даст овардани «Ҷоми декан» бинобар хелҳои гуногуни варзиш нерӯи худро месанҷанд.***

Бояд таъкид кард, ки ин мусобиқа ҳар сол баргузор мегардад ва ҳоло ба анъанаи нек мубаддал гаштааст. Он дар чаҳорчӯбаи «Панҷ ташаббус», ки Президенти кишвар пешниҳод карда, дар саросари ҷумҳурӣ ҳамовозии бевосита пайдо намуд, баргузор мешавад.

Дар маросими кушоиши он сарвари факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз Поён Бакиров гуфт, ки мурод аз баргузории ин чорабинии варзишӣ таҳкими меҳру муҳаббат дар байни ҷавонон ва кашфи истеъдодҳои нодир аст. Вай ҳамчунин аз фоидаи варзиш сухан ба миён оварда, аз ҷумла таъкид намуд, ки варзиш натанҳо барои ривоҷи нерӯи ҷисмонӣ, балки ба пешрафти маънавии одам низ мусоидат мекунад.

Иштирокдорони сабқат барои «Ҷоми декан» оид ба навъҳои маъруфи варзиш, аз ҷумла шашка ва шоҳмот қувваозмоӣ хоҳанд кард. Интизор меравад, ки аз байни онҳо беҳтарин бозигарон кашф ва муаррифӣ гарданд. Ҳамчунин баргузории бозиҳои волейбол, футбол ва дигар хелҳои варзиш дар назар аст.

Ғолибон бо туҳфаҳои хотирмон тақдир карда мешаванд, ба онҳо барои иштирок дар озмунҳои варзишии сатҳи баландтар роҳхат дода хоҳанд шуд.

**Шаҳло ХОҶАҚУЛОВА,**
**омӯзгори кафедраи адабиёти ҷаҳон ва руси Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

*Китоб ва хонанда*

# МЕХОҲАД РӮДАКИВОР ШЕЪР ГӮЯД

Вақте сухан аз Рӯдакиву ашъори ӯ меравад, беихтиёр пеши назар сарзамини шоирхези Самарқанди бостонӣ меояд, ки чандин шоирону олимони саршиносро дар домани худ модарвор парвардааст.

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*
*Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

Ин байтҳои мондагори Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакист.

Нормурод Каримзода яке аз шоирони ба назар намоёни ин марзу бум аст. Вақте ки ӯ аз ашъори Рӯдакӣ ба хонандагон сабақ меомӯхт, пеш аз ҳама пандномаҳои шоир диққаташро ба худ мекашиданд, мехост Рӯдакивор шеър гӯяд.

Китобҳои ӯро варақ занед, ба хубӣ пай мебаред, ки шоир омӯзгор аст. Тарбияи ҷавонони донову равшанзамир мақсади асосии ӯст.

*Ҳеч гаҳ дар чархи гардун хештанро гум*
*макун,*
*Эҳтироми аҳли базму анҷуманро гум*
*макун.*
*Халқу миллатро ба ҳоли қудрат эмин*
*дору бас,*
*Дӯстони посдори ҷону танро гум*
*макун.*

Шоир одамро зебу зинати олам медонад, мехоҳад, ки ҷавонон ба мақоми волои «одамӣ» бирасанд:

*Соҳиби унвони «одам», зевари олам туӣ,*
*Бо ғаму хурсандиҳои даҳри дун*
*ҳамдам туӣ.*
*Бо баду неки ҷаҳон як умр бошӣ*
*дар талош,*
*Бо яке андар ситезу бо яке маҳрам туӣ.*

Шоир ба ҷавонон хитоб менамояд, ки дар роҳи мақсад кӯшиш ба харҷ диҳанд.

*Мақсаде бар пеш дорӣ ҷаҳд кун,*
*Аз барои комёбӣ аҳд кун.*
*Умр чун бод асту дорад бас шитоб,*
*Ҳар дамаш бошад бароят як китоб.*

Ё дар ҷойи дигар ӯ мефармояд:

*Чархи гардун нест ҷойи коҳилӣ,*
*То тавонӣ рӯй тоб аз ғофилӣ.*
*Аз ҷаҳолат, аз разолат алҳазар,*
*Аз фалокат, аз касофат алҳазар.*
*Забт бинмо бо хирад офоқро,*
*Ҳам фаро гир бо ҳунар афлокро.*

Шоир ба аҳли илму дониш самимияти хосса дорад ва мехоҳад, ки ҷавонон аз пайи илму дониш бошанд.

*Офтоби рӯйи оламро нигар,*
*Ҳар тарафро менамояд шуълавар.*
*Дониш аз аҳди қадим хуршед буд,*
*Аҳли дониш бар шуои он фузуд.*

Нормурод Каримзода омӯзгорро «заргари санъати одамгарӣ» медонад:

*Сӯзу сози зиндагӣ ҷуфти қавист,*
*Ҳар ду роҳи бозтоби одамист.*
*«Санъати омӯзгорӣ заргарист,*
*Заргарӣ дар санъати одамгарист».*
*Орифе дар ҷустуҷӯйи хештан,*
*Ҳамтабори роздони анҷуман.*
*То тавонистам бисуфтам ин калом,*
*Хону хон, такрор мехон, вассалом.*

Қаҳрамони лирикии шоир инсони шукргузор аст:

*Шукри нони меҳнатӣ беҳ аз зар аст,*
*Шукри оби пок кун, ки гавҳар аст.*
*Шукри оташ, хоки сабзи сарзамин,*
*Шукри фарзандони аз ҷон беҳтарин.*
*Шукри миллат, сулҳу ваҳдат ганҷи мост,*
*Шукри боғи гулбасар фарҳанги мост.*

Бале, мо бояд шукри давлати тинҷу осуда кунем, ба қадри якдигар ва ҳар як лаҳзаи зиндагӣ бирасем.

**Фарида АҲМАДОВА,**
**омӯзгори мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 16,**
**ноҳияи Самарқанд.**

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛ ДАР ҲАВОИ ДӮСТӢ

*Агар ба Форс равад корвони*
*ашъорам,*
*Равони Саъдию Ҳофиз*
*кунандаш истиқбол.*
*В-агар ба Ҳинд расад Хусраву*
*Ҳасан гӯянд,*
*Ки: «Эй ғарибп ҷаҳон, марҳабо,*
*таол, таол!»*
**(ҶОМӢ)**

19-уми апрели соли 2025 дар деҳаи Синтоби ноҳияи Нурато нишасти навбатии маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» доир ба мавзӯи «Мазмун ва мундариҷаи китоби «Баҳористон» ва шарҳи ҳоли Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ» баргузор шуд.

Тибқи маъмул, дар шарти аввал даҳ даста донишомӯзон, ки ҳар яке аз панҷ нафар ташкил ёфтааст, аз мактабҳои миёнаи кӯҳпояи Нурато, таҳти рақамҳои 30 (Сойхурд), 43 (Эҷ), 21 (Соб), 38 (Синтоб), 49 (Синтоб), 32 (Моҷарм), 13 (Порашт) ва 14, 46, 49 (Ӯхм) қувваозмоӣ карданд. Онҳо дар се марҳила, куллан ба 30 пурсиш доир ба мазмуну мундариҷаи ҳикоёти китоби «Баҳористон», абёту луғатҳои ин китоб ва шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ посух доданд.

Дар ин сабқат донишомӯзони мактабҳои рақами 49, 14 ва 49 бо дарёфти 39 холӣ ба ҷойи сеюм, дастаи мактаби 13 бо гирифтани 42 хол ба ҷойи дуюм ва гурӯҳи хирадварзи мактаби 43 бо бурди 44 хол ба ҷойи якум сазовор дониста шуданд. Ҳар як даста аз ҷониби раёсати маҳфили «Хирадманд» ва Ҷамъияти миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах бо сипоснома, китобу маҷалла, туҳфаҳои хотиравӣ ва ҷоизаҳои пулӣ тақдир шуданд.

Дар идомаи бозӣ-маҳфили «Хирадманд» сабқати донишомӯзони даҳ мактаби кӯҳпоя доир ба номинаҳои «Шеърхони беҳтарин» ва «Суханрони беҳтарин» низ баргузор шуд. Дар озмуни шеърхонӣ, ки дар заминаи достонҳои «Ҳафт авранг» ва ғазалиёти Ҷомӣ ба вуқӯъ пайваст, аз миёни даҳ нафар ширкаткунанда донишомӯзи мактаби 38-уми Синтоб Дилрабо Саломатуллоева беҳтарин дониста шуд. Аз рӯйи номинаи хониши ифоданоки матн, ки дар он ҳусни баёни донишомӯзон дар заминаи ҳикоёти «Баҳористон» санҷида шуд, донишомӯзи синфи нуҳуми мактаби 21-уми Соб Соҳиба Додоева пирӯз гардид. Ба ғолибон китобҳо ва ҷоизаи пулӣ супорида шуд.

Ҳамон тавре ки аъзои раёсати маҳфили «Хирадманд» эълом карда буданд, ба хотири сайқал додани забони катбӣ ва шифоҳии хонандагон ва боло бурдани сатҳи эҷодкории онҳо дар доираи маҳфил озмуни «Қаламкаши наврас» низ роҳандозӣ шудааст. Дар тӯли чор-панҷ моҳ чанд нафар донишомӯзони мактабҳои кӯҳпоя беҳтарин намунаҳои эҷодии худро дар се бахш – асари бадеӣ (лавҳа, ҳикоя, новелла...), шеър ва асари публитсистӣ ба суроғаи ҳайати маҳфил фиристоданд. Намунаҳои беҳтарин аз қаламиҳои онҳо дар маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ва рӯзномаи «Ховар» ба чоп расиданд. Дар марҳилаи аввал донишомӯзон Назира Шомуродова ва Низом Тағоймуродов (мактаби 46), Тӯхтамоҳ Амонова (мактаби 38) ва Моҳина Иброҳимова (мактаби 43) беҳтарин қаламкашони наврас дониста шуданд. Онҳо низ бо туҳфаҳои хотиравӣ ва ҷоизаҳои пулӣ сарфароз гардиданд.

Аз рӯйи анъана, дар нишаст беҳтарин аъзои маҳфил, ки дар тамоми бозиҳо фаъол ширкат меварзанд, бо ҳадя ва ҷоизаҳои пулӣ тақдир шуданд. Ин бор офтоби ситоиш бар рӯйи донишомӯзон Нурия Азизова (мактаби 14), Азиза Низомова (мактаби 43) ва Фараҳноз Сарибоева (мактаби 13) хандид.

Бояд тазаккур дод, ки бозӣ-маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд»-ро бори дуюм аст, ки намояндагони ҳокимиятҳои вилояти Навоӣ ва ноҳияи Нурато, шуъбаи ноҳиявии Оҷонсии кор бо ҷавонон, Шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Нурато дастгирӣ мекунанд ва бо ҳузури худ ба нишастҳо файзу шукуҳ мебахшанд. Онҳо низ ба дастаҳои сабқаткунанда ва ширкаткунандагони маҳфил китобу маҷаллаҳои илмию бадеӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карданд.



Ногуфта намонад, ки дар маҳфил бо ибтикори шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия як дастаи донишомӯзони пешқадам аз мактабҳои қазоқӣ низ ширкат варзиданд. Дар сабқати шеърхонии онҳо ба забони қазоқӣ Шарора Шодимуродова ба ҷойи аввал сазовор дониста шуд. Ӯ бо лаҳни гуворо пораеро аз ашъори Ҷомӣ, ки ба қазоқӣ тарҷума шудааст, қироат намуд.

Дар ҳақиқат, маҳфил дар ҳавои дӯстӣ, бо сафои ҳамон рафоқате, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ бо ҳам доштанд, бо ҳамнишинии намояндагони се миллати ба ҳам дӯсту бародар – тоҷику ӯзбеку қазоқ гузашт.

Аҳли мактаб ва раёсати ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб» меҳмононро бо чеҳраи кушод ва дасткушодии тоҷикона истиқбол карданд. Дар поён иштирокдорони маҳфил ба тамошои манзараҳои дилкашу марғуби деҳаи дӯстдоштаи ҷаҳонгардон – Синтоби куҳанбунёду ҳамешаҷавон баромаданд.

**Холбикаи НУРНАЗАР,**
**омӯзгори мактаби 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно...*

# МУАММОҲОИ РӮЗ

Инсон ба ин дунё барои созандагӣ, офарандагӣ, давом додани насли одамӣ омадааст. Боиси ин вазифаҳои инсонӣ мо то ба ҳаёти имрӯз расидаем. Дар давоми ҳастии худ инсон дар ин олами ҳастӣ анқариб тамоми ҷабҳаҳои онро аз худ намуда, ихтироъҳои бузург кардааст.

Баробари ин ҳаёти одамӣ бисёр мураккаб, душвор ва пур аз санҷишҳои сангин ҳам ҳаст. Инҳо муаммоҳои моддӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ ва ғаму ғуссаҳояш мебошанд. Ҳеч як инсон аз санҷишҳои ҳаёт берун буда наметавонад. Ӯ муаммоҳоро бо сабру тамкин, қаноатмандӣ, андешамандӣ, мулоҳизакорӣ паси сар месозад.

Муаммо ва хушиҳои ҳаёт барои мо мероси азалианд, дар ҳаллу фасли пешомадҳои ҳаёт бобою момоёни мо барои авлодашон таҷрибаи ғанӣ мерос гузоштаанд. Дар гузашта аксари онҳо ба куртаи карбосиву кафши чӯбин қаноат намуда, хушбахтона зиндагӣ кардаанд, ҳеҷ гоҳ ношукрӣ ва ба худашон ҷабр накардаанд.

Вале имрӯз дар замони осоиштаи фаровон, зиндагонии пурнеъмат касоне ёфт мешаванд, ки аз камтарин нохушии пешомада ғамгину руҳафтода шуда, ба ҷони худ қасд мекунанд, худкушӣ менамоянд. Ин ҳодисаи нангин бештар дар байни ҷавонон мушоҳида мешавад ва аз фалокатҳои ҳаёти кунунӣ гардидааст. Ҳам дар оинҳои миллӣ ва ҳам дар шариати ислом қасд кардан ба ҷони худ гуноҳи азим маҳсуб меёбад.

Яке аз сабабҳои ба ин амал даст задан, пеш аз ҳама, дар надоштани иродаи мустаҳкам, қалби қавӣ, сабру тоқат, матонат, андешаву мулоҳиза, дур будан аз маърифати миллӣ ва исломӣ зуҳур меёбад. Вомондагӣ аз қоидаҳои миллии оиладорӣ, муносибатҳои зану шавҳарӣ, рӯзгордорӣ, муомила бо атрофиён, одамро ба вазъи васваса меоваранд. Баъзеҳо дар ин ҳолат роҳи ягонаи халосиро дар қасд кардан ба ҷони худ мебинанд. Дар натиҷа умри ҷавон хазон мегардад, кӯдакон бепарастор мемонанд.

Аз тарафи дигар баъзан ҷавонзанон аз муносибати нохуши шавҳар, хиёнати ӯ, зулми хушдоман ва дигар наздикон ба ин кор даст мезананд. Яъне ба ин амали нангин аксаран моҷароҳои оилавӣ сабаб мешаванд. Беҳурматии шавҳар нисбати зан, муносибати худҳоҳии мардон занҳоро ба ин ҳолат меоваранд. Ҳол он ки шавҳар ҳангоми ақди никоҳ бисёр масъулиятро ба зиммаи худ мегирад. Вале баъд ба онҳо риоя намекунад.

Набояд фаромӯш кард, ки зан одобро аз шавҳар меомӯзад, шавҳар ба зан чӣ қадар бошафқат бошад, зан ҳам ҳамон андоза боодоб мегардад. Сабурии шавҳар ба саросемагии зан марҳам мешавад. Аз ин рӯ, шавҳар бояд нисбати зан ҳамеша боэътибор бошад. Зеро зан ҳамеша муҳтоҷи меҳру эътибор аст.

Дар оила фарзандонро дар асоси маърифати миллӣ ва замонавӣ, расму оинҳои миллӣ босабру пуртоқат, қаноатманду дурандеш, мулоҳизакору қавиирода тарбия додан вазифаи калонсолон аст. Барои аз олами ноумедиҳо раҳо кардани онҳо бояд панду ҳикматҳои бузургон истифода шаванд. Зарур аст, ки зану шавҳар пастию баландиҳои ҳаётро бо дастгирии якдигар паси сар кунанд.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

***Имрӯз дар мамлакати мо намояндагони зиёда аз 130 миллат дӯсту бародарона истиқомат мекунанд. Маҳз дар Сурхондарё тақрибан аз чор як ҳиссаи аҳолии вилоятро вакилони миллатҳои дигар ташкил медиҳад, ки чун фарзандони як оила ҳамдилона зисту зиндагонӣ доранд. Ҳар як миллат метавонад, дар асоси арзишҳои миллии худ озодона зиндагӣ кунад ва урфу одат, анъанаҳои аҷдодии хешро пос дорад.***

# ТАҶЛИЛИ ФЕСТИВАЛИ ДӮСТӢ

Бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии Тирмиз дар қасри санъати Тирмиз бо иштироки устодону донишҷӯён ва меҳмонон бо номи «Ӯзбекистон – Ватани ман» фестивали дӯстӣ баргузор гардид. Ҳамоиши мазкур бо роҳбарии декани факултаи филологияи хориҷии донишгоҳ, доктори илмҳои филология, профессор Поён Бакиров ташкил шуд.

Ба чорабинӣ ректори донишгоҳ, профессор Абдуқодир Тошқулов ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки дар як мамлакат дӯсту бародарона ва нисбати якдигар бо ҳурмату эҳтиром зиндагӣ кардани миллатҳо натиҷаи машаққат ва таҷрибаи зиёд аст ва ин далели донишмандии Президенти мамлакат мебошад.

Дар идома донишҷӯёни факултаи филологияи хориҷии донишгоҳ бо рақсу сурудҳои зебо, ки дар он қадрияту анъанаҳои халқҳои гуногун ва дӯстиву бародарии миллатҳои ҳамтабор инъикос ёфтаанд, баромад карданд.

**Шукруллоҳ СИРОҶ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# ҚАҲРАМОНИ ШАТРАНҶ ВА МАКТАБИ Ӯ

***Ба қарибӣ дар ноҳияи Сергелии шаҳри Тошканд Мактаби нави шатранҷ дари худро боз кард, ки он ба тадриси ҳирфаии ин бозии мағзӣ, гузарондани озмуну мусобиқаҳои хурду калон, кашф намудани истеъдодҳои нав ихтисос дорад.***

***Ин Мактаби шатранҷ аз пайи саъю талоши доимӣ ва судбахши шатранҷбози маъруф Сироҷиддин Зайниддинов, ки бо вуҷуди ношунаво будан ба унвони Қаҳрамони шатранҷи Ӯзбекистон ва ҷаҳон ноил гардидааст ва ҳамёрию пуштибонии ноҳиядории ноҳияи Сергели ва Федератсияи шатранҷи Ӯзбекистон дар бинои нави алоҳида барпо ва мавриди истифода қарор гирифт.***

***Сироҷиддин кист? Дар роҳи расидан ба ҳадафи ниҳоии худ ӯ чӣ гуна корҳоро анҷом додааст? Оё саҳлу осон ба ин комёбӣ ноил гардид?***



Ӯ ба кӯча намебаромад. Ба мисли бачаҳои ҳамсинну соли худ ба соҳили наҳри сероби Арнасой намешитофт, рӯзашро дар канори мазрааҳои кишоварзон ва майдончаи назди мактаб бо бозию давутозҳои беҳуда сиёҳ намекард. Ҷойи шинухезаш хонаю ҳавлии бо тавораи нимдошт иҳоташудаашон буд, дар канори падар, ҳамроҳи модару бародару хоҳарони мушфиқ.

Вақте ки панҷу ним сол дошт, тахтаи шашкаро канор гузошту ба шатранҷ рӯ овард. Ҳар он чӣ падари муҳандис, вале ба шатранҷ алоқамандаш, роҳу равишҳои муҳраронии мағзиро ба ӯ ёд дод, чун оҳанрабо ба ёд супорид. Рӯз то рӯз маҳораташро боло бурд ва ниҳоят, дар синни ҳафтсолагӣ ба кулли аъзои хонавода пирӯз омад. Ғолиб омадани ӯ дар озмуни оилавӣ нахустин пирӯзиаш буд, ки падари бузургвор барояш таҳсину офаринҳо гуфта, як муҳраи пиёдагардро бо акси асп ба нахе баста дар гарданаш овехт ва 100 сӯм пулро низ дода гуфт: «Сироҷи азизам! Ту беҳтарин шатранҷбози хонаводаи мо ҳастӣ, аслан кам наё, фақат ба пеш, барои пирӯз шудан дар бозиҳо талош кун!»

Он лаҳза дили Сироҷиддини хурдсол пур аз фараҳу шодӣ гардида буд, ҳарчанд ҳеч як сухани падарро намешунид. Оре, ба ҳукми сарнавишт ин бачаи зираку хушзеҳн ҳанӯз дар синни сесолагӣ ношунаво шуда буд. Бо ин ки падару модари мушфиқ дари чандин дармонгоҳу шифохонаро кӯфтанду остонаи чандин табибро зер карданд, суде набахшид. Ҳама лоилоҷ ба тақдир тан доданд ва бо мурури вақт падару модар ва хоҳари азизаш Сабоҳат барои ӯ «мутарҷим»-и ҳолу аҳвол шуданд.

***

Шатранҷ фақат бозӣ нест. Ин саргармиест, ки инсонҳоро ба тафаккур водор мекунад, аз банди зиқиву ғам раҳо месозад, оромию фароғат ато мекунад. Беҳуда нагуфтаанд:

*Замоне шеъру шатранҷу ҳикоят,*
*Ки хотирро бувад дафъи малоле.*

Сироҷиддин бо шатранҷ ба кӯйи оворагӣ меафтоду аз он лаззат мебурд, аз ҳар гуна малолу дилхирагиҳо фориғ мегашт. Бо мурури замон бехабар монд, ки номаш дар ҷомеа шинохтаву мавқеаш намоён гардидааст. Вақте 12 сол дошт, ӯро ба мусобиқаи чемпионати кишвар ҳидоят намуданд. Ба бисёре аз иштирокдорони мусобиқа пирӯз шуд ва ба наврасии худ нигоҳ накарда, дар байни сабқаткунандагони калонсол сазовори мақоми сеюм гардид. Ин ғалаба сабаб шуду ӯ ба чемпионати Осиё роҳхат гирифт. Тамоми харҷро ҳокимияти вилояти Ҷиззах ба зиммаи худ гирифт. Дар ин мусобиқаи бонуфуз, ки ҳамаи иштироккунандагон калонсол буданд, ба ӯ ҷойи даҳум насиб гардид. Аз ин лиҳоз Сироҷиддин то имрӯз он чемпионатро каме бо дилмондагӣ ёд мекунад. «Кош ба он мусобиқа намерафтам, – мегӯяд ӯ, – чунон рӯҳафтода шудам, ки баъдан бо мушкилӣ ба худ омадам. Ин ҳолатамро устоди варзиш Пушкариев пай бурда: «Хуб бозӣ кардӣ. Бо ин синну сол ба сафи даҳ шатранҷбози беҳтарини Осиё дохил шудан натиҷаи хуб аст, – мегуфт. – Соли 2004 дар Олмон мусобиқаи ҷаҳонии шатранҷ дар байни наврасон ва ҷавонони гаронгӯш доир мегардад. То он вақт худро омода кун, фурсатро ғанимат шумор, ман ба ғолиб омадани ту бовар дорам. Ҳеч гоҳ руҳафтода нашав, ба пеш!» Ин гуфтаҳои устод ва суҳбату насиҳатҳои мунтазами падар ба ман неруи нав ва иродаи қавӣ бахшидаанд».

Маҳз соли 2004 барои Сироҷиддин бароровару хурсандибахш буд. Ӯ дар сафи пеши шатранҷбозон ба Олмон рафт ва аз рӯйи таснифи ICSC ҷойи якумро соҳиб гардид.

***

Акои Саврон писарашро ба майдони шатранҷ раҳнамун сохту ӯро «гум» кард. На фақат рӯзона, ҳамчунин нимаҳои шаб, бар рӯйи бистари хоб дастафшонию сарҷунбониҳои ӯро дида нигарон мешуд. Метарсид, ки саргардониҳои ӯ дар миёни пиёдаю руху аспу филу фарзину шоҳ ба нокомӣ бирасад. Сироҷиддин бошад, иродаи қавӣ дошт. Ӯ аллакай роҳи худро дар зиндагӣ дақиқ пайдо карда буд. Бо сабру матонат дар фарозу нишебҳои масири интихобкардааш гом мебардошт. Саранди озмоиш ӯро боз як бор дар шаҳри Алмати рӯ ба рӯ омад. Ин дафъа шатранҷбози 15-сола дар мусобиқаи дуюми Осиё, ки соли 2005 ширкат варзида, сазовори медали биринҷӣ гардид.

Фирдавсии бузургвор фармудааст:

*Таносойиву коҳилӣ дур кун,*
*Ба кӯшиш зи ранҷи танат суд кун.*
*Ки андар ҷаҳон суд бе ранҷ нест,*
*Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.*

Сироҷиддин ҳеч гоҳ нагуфтааст, ман хурдсолам, таҷрибаи ман кам аст, ман бо ин калонсолон бозӣ намекунам... Ӯ ҳар гоҳе ки лозим ояд, сарашро хам карда шатранҷ бозӣ мекунад, барояш муҳим нест, ки дар муқобилаш чӣ касе нишастааст. Ҳар дафъа танҳо ба иқтидору донишу ҳофизаи мағзии худ такя мекунад. Дар ивази ҳамин гуна ранҷҳову талошҳояш соли 2008 бори дувум дар мусобиқаи ҷаҳонии олимпии шатранҷи наврасон, ки дар Швейтсария аз рӯйи таснифи ICSC баргузор шуд, сазовори медали тилло гардид. Дар поёни соли 2008 Сироҷиддин Зайниддинов ғолиби номинаи «Ҷавонтарин қаҳрамони сол» дониста шуд.

***

Сироҷиддин аз хурдӣ қобилияти шунавоии худро гум кардааст, забони ӯ низ равону гӯё нест, аммо дар ҳаёт сарбаландона нишон дод, ки бо ин қабил норасоиҳо низ кас метавонад ба қуллаҳои баланди орзуву ниятҳояш бирасад. Албатта, ин роҳ ҳамеша софу рӯ бар фароз нест. Ҳолатҳое пеш меояд, ки натиҷаи қаблӣ аслан такрор намешавад, шояд ҳам бо сабабу далелҳое инсон ба нокомӣ дучор ояд.

Сироҷиддин пас аз дастовардҳои назаррас ҳанӯз дар айёми донишҷӯйӣ, вақте ки муҳассили соли сеюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд буд, кореро анҷом дод, ки на ҳар инсони солим аз уҳдаи он мебарояд. Дар синни бисту яксолагӣ тавонист дар ноҳияи Сергелии Тошканд ба мактаби шатранҷ асос гузорад. Ба ин мактаби ӯ, ки дар як муддати кӯтоҳ бо номи «Спорт-дӯстӣ-ғалаба» шуҳрат пайдо намуд, бачаҳои синну соли гуногун, ҳатто завқмандони чор-панҷсола ҷалб шуданд. Сироҷиддин ба унвони устоди варзиши FIDE ба ҳар як шогирди худ роҳу равишҳои мухталифи шатранҷбозӣ, роҳҳои аҷоибу ғароиби мот кардан ва алалхусус, бозиҳои тезкору суръатиро ёд медод. Он замон ёвару ҳамроҳи ҳамешагии ӯ падари бузургвораш Саврон Зайниддинов ва хоҳари азизи шатранҷдонаш Сабоҳат дар канораш буданд, ки ба бачаҳои хурдсолу наврас асрори шатранҷбозиро меомӯзониданд.

Соли 2018 дар арафаи Олимпиадаи ношунавоён, ки мебоист дар Инглистон доир гардад, талошҳои шабурӯзии Сироҷиддин зоеъ нарафтанд. Гарчи аъзои Ҷамъияти ношунавоён ба хотири надоштани ҳомӣ натавонистанд дар он мусобиқаи ҷаҳонӣ ширкат варзанд, ба ӯ муяссар гардид, ки бо вуҷуди деркарди раводиду хеле тӯл кашидани рухсатномаи Вазорати варзиш ва ҳукмронии рӯзҳои таътили идона дар Туркия, худро ба Инглистон расонад. Вақте ки омад, як рӯз пеш мусобиқаҳо оғоз ёфта буданд. Донист, ки номи ӯро аз рӯйхати ширкаткунандагон хат задаанд. Бо ин ҳол, ӯ тамоми воқеиро як-як баён карда, ба раёсати мусобиқа ва аъзои ҳакамот собит месозад, ки дер мондanaш бесабаб нест. Дар натиҷа, ӯро ба мусобиқа ҳамроҳ мекунанд, ҳатто ба ӯ барои як рӯзи таъхир ним имтиёз ҳам медиҳанд.

Сироҷиддин он замон аз дарёфти ним имтиёзи муфт хиҷолат мекашид ва аз сӯйи дигар ҳам, эҳтимол дошт, ки дар поёни мусобиқа, дар сурати мусовӣ шудани имтиёзҳо бо ягон шатранҷбози дигар, он ним имтиёзро аз ӯ бигиранд. Аз ин хотир, аз аввал то охири сабқат тамоми салоҳият ва тавоноии мағзии хешро ба кор бурд ва саъю талош намуд, ки бар ивази ранҷу заҳматҳои дидааш ба «роҳат»-и бозӣ бирасад.

Сироҷиддин дар байни сӣ нафар шатранҷбози ношунавои Олимпиадаи байналмилалӣ бо ҳашт имтиёз соҳиби медали тилло ва қаҳрамони ҷаҳон шуд.

Дар мактаби ӯ наврасону ҷавонон беш аз пеш ба омӯзиши шатранҷ машғул мешаванд. Ҳарчанд фаъолияти омӯзгориаш аксаран бо бачаҳои солим мегузашт, ҳамтоёни худ, яъне бачаҳоеро, ки заъфи шунавоӣ ё забонӣ доштанд, фаромӯш намекунад. Ба ширкати худу ҳамқисматонаш дар мусобиқаю олимпиадаҳо идома медиҳад. Минҷумла, соли 2019 дар Сурдоолимпиадаи зимистонаи ҷаҳонӣ, ки дар Италиё гузашта буд, бо ҷамоааш дар байни 16 даста мақоми шашумро соҳиб мешавад.

Субҳи 22-юми апрели соли 2022 офтобгуна буд, боди баҳорӣ бо тароватӣ ҳамешагӣ мевазид. Он рӯз Сироҷиддин бо дасти рост хест. Чун ҳамон рӯз ҳокими шаҳри Тошканд бо сокинони маҳаллаи онҳо дар ноҳияи Сергелӣ мулоқот дошт. Дар он нишаст дархостҳои Сироҷиддин ва пурсишу посуххои ҳоким бо ӯ ба мавзӯи асосӣ табдил ёфтанд. Бо камоли қадршиносӣ ва хайрхоҳӣ аз ҳоким ба соҳиби мактаби шатранҷ мошини сабукрави «Спарк» эҳдо шуд ва бар зимми он, шаҳрдор қавл дод, ки тамоми шароит ва имконоти лозимро барои сохтани бинои замонавии мактаби шатранҷ фароҳам хоҳад овард.

Ҳамон сол офтоби бахт дубора ба рӯйи Сироҷиддин хандид. Ин фарзанди накуноми миллат, ки аслаш аз деҳаи хушманзари Синтоби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аст ва писари тоҷик мебошад, 29-уми август, дар арафаи 31-умин солгарди ҷашни Истиқлоли Ӯзбекистон дар канори чанд нафар ҳамдиёри худ, ки дар роҳи дӯстӣ ва рафоқату муҳаббат бо дигар миллатҳои кишвар корҳои шоиста анҷом додаанд, аз ҷониби роҳбари давлатамон бо ордени «Do'stlik» сарфароз гардид.

Аз он дам боз чанд баҳору зимистон гузашт. Ниҳоят, соли равон, пас аз се соли қавлу қарори собиқ ҳокими Тошканд, дар ноҳияи Сергели маросими бӯрёкӯбони бинои нав барои Мактаби шатранҷи Сироҷиддин Зайниддинов баргузор шуд. Дар канори меҳмонони гирдомада ҳокими ноҳияи Сергели Элбек Шукуров, муовини раёсати Федератсияи шатранҷи Ӯзбекистон Комилҷон Синдоров, қаҳрамони ҷаҳон доир ба шатранҷ, гроссмейстери байналмилалӣ Ҷавоҳир Синдоров доир ба омӯзишу парвариши шатранҷбозони хурду калон, нақши беҳамтои бинои махсуси ҷудогона барои варзишкорони ин бозии фикрӣ, афзудани алоқамандии одамон ба бозиҳои шатранҷ, то ҳадди имкон кашф намудани истеъдодҳои нав суханронӣ карданд. Пас аз боз шудани дарҳои бинои нави мактаб бозиҳои намоишии шатранҷ гузаронида шуданд.

Барои Сироҷиддин Зайниддинов ва хонаводааш ҳамчунин кулли наврасону ҷавонони дӯстдори бозиҳои шатранҷ ин рӯйдод воқеаи бениҳоят хурсандибахш буд. Ӯ гӯё дар осмони орзуҳо парвоз мекард, намедонист шодмониашро ба чӣ гуна забон баён кунад. Бо камоли мамнуният ба устодон, ба инсонҳое, ки дар роҳандозии мактаби шатранҷу бинои он саҳм гузоштаанд, дар зери оҳангу кафкӯбиҳои ҳозирин туҳфаю ҷоизаҳои хоксоронаи хешро супорид. Дар ин гирдиҳамойӣ орзуи ҳама ягона буд: «Иншоаллоҳ, дар ин мактаб қаҳрамонҳои нави ҷаҳонӣ ба камол хоҳанд расид!»

**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**узви иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

*Санъати тасвирӣ*

# ПИСАРОН – НОМИ БАЛАНДИ ПАДАРОН...

***Дар театри драмавии мусиқии Самарқанд осорхонаи арбоби санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, устод Даврон Сафозода кушода шуд.***



Даврон Сафозода 31-уми декабри соли 1932 чашм ба олами ҳастӣ кушода, пас аз хатми мактаби миёна шомили омӯзишгоҳи санъати тасвирии Самарқанд гардид. Аз мусаввирони номдор, ба хусус Павел Бенков асрори расмкаширо омӯхт. Сипас дар донишкадаи рассомӣ ва театрии ба номи Островский (Тошканд) таҳсил гирифта, бо роҳхат ба Душанбешаҳр рафт ва дар маҷаллаи «Хорпуштак» ба кор оғоз намуда, то ба дараҷаи ҷонишини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон расид. Баъдан аз соли 1971 то 2012 дар театри драмавии мусиқии Самарқанд ҳамчун саррассомии театр фаъолият бурд.

Равшан аст, ки санъати рассомӣ воситаи муҳими инъикос ва тафсири бадеии воқеият буда, бо ин ба афкору эҳсосоти тамошобинон таъсир мерасонад. Маҳз рассом барои ифодаи ғояи муайян мавзӯъ ва сюжет интихоб мекунад, композитсияе меофарад, ки бояд бинандаро муассир кунад.

Устод Даврон Сафозода ба асарҳои саҳнавӣ чун «Майдача», «Эшмат ва Тошмат», «Соҳибқирон Амир Темур», «Огоҳ, шавед, мардум!», «Ҳангомаҳои Тупаланг», «Саргузашти Соли Нав» ва ғайра композитсияҳои бадеӣ ва ороишӣ офарид. Ӯ инчунин чеҳраҳои алломаҳои Шарқ Абӯабдулло Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абурайҳон Берунӣ, Имом Бухорӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мирзо Улуғбек ва дигаронро бо маҳорати баланд кашидааст.

Дар ороиши асарҳои бадеӣ низ хидмати шоиста дорад. Асарҳои рассом дар Русия, Олмон, Италия, Латвия, Гурҷистон, Арманистон, Хитой ва кишварҳои дигар ба намоиш гузошта шудаанд. Дар чандин осорхонаҳои олам намуна аз асарҳои ӯ маҳфузанд. Аз ҳама муҳимаш, вай шогирдони бешумор дорад, ки дар байни онҳо академик-рассомон низ ҳастанд ва яке аз онҳо Аслиддин Исоев аст. Боиси ифтихору хушнудист, ки фарзандон низ ворисони муносиби сулолаи Сафозода ҳастанд.

Рост гуфтаанд, ки – писар, к-ӯ чун падар бошад, ситоишро сазовор аст!

## Ҳосили боғи падар

*Падарон – номгузори*
*писарон,*
*Писарон – номи баланди*
*падарон.*
*Падарон – пушту паноҳи*
*писарон,*
*Писарон – лоиқи тахти*
*падарон...*

**(Ҳақназар ҒОИБ)**

Сад дареғо, ки соли 2015 мусаввири номӣ, устоди санъати тасвирӣ, инсони хоксору дарёдил Даврон Сафозода ба Ҳақ пайваст ва имрӯз кори неку номи неки ӯро писараш Баҳром Сафозода идома медиҳад. Ҳоло вай саррассоми театри драмавии мусиқии Самарқанд аст.

Бо ташаббуси Баҳром Давронович дар арафаи ҷашни Рӯзи байналхалқии театр осорхонаи равоншод Даврон Сафозода кушода шуд ва ба ин муносибат анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар тадбир рассомон, ҳайкалтарошон, ҷамоати омӯзишгоҳи санъати тасвирии Самарқанд, вакилони расонаҳои ахбор, хешу пайвандони Даврон Сафозода ширкат варзиданд.

Ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд, профессор Юсуф Абдуллоев, шоир Нормурод Каримзода, директори театри драмавии мусиқии Самарқанд Ботур Тугалов, роҳбари бадеии театри мазкур Ҳилола Ортиқова ва дигарон ба сухан баромада, дар бораи хидматҳои шоистаи шодравон ҳарф заданд.

Сипас ҳозирон осорхонаро тамошо карданд.

– Санъат қисми таркибии маданияти маънавӣ – гуфт Баҳром Сафозода. – Падари бузургворам устоди санъати тасвирӣ буданд. Қиблагоҳ ҷаҳонбинии васеъ, тахайюлоти хуби бадеӣ доштанд. Шояд аз ҳамин сабаб дар Тоҷикистон сазовори эътибори устодони бузурге чун Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муъмин Қаноат, Шаҳидӣ ва дигарон гардида буданд.

– Хидматҳои хоксоронаи устоди арҷманд Даврон Сафозода дар ороиши китобҳои бадеӣ низ бузург аст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд адиб Адаш Истад. – Шахсан ман эшонро аз солҳои фаъолият дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» мешинохтам. Риштаи дӯстии мо то лаҳзаҳои вопасини умри устод идома дошт.

Фарзандашон Баҳром ба кори хайру нек даст зада осорхонаи падарро ташкил кардааст. Минбаъд мусаввирони ҷавон ба ин ҷо омада, истеъдоди худро сайқал медиҳанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*САМАРҚАНД.*

***Дар акс:** лаҳза аз тадбир.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.